# ФАРМОИШ

Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал
“Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард”

Мутобиқи муқаррароти қисми 4 моддаи 254 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамал “Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард” бо забонҳои давлатӣ ва русӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Дастурамали мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани Дастурамали мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.
4. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ аз санаи 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.
5. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.04.2010, №3-Ф “Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал “Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард”, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.09.2010 сол, №589 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.
6. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раис Юсупов П.С. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н.Давлатов**

**Омода намуд:**

Сардори Раёсати
ташкили андозбандӣ Мухамедҷонов Б.

**Шинос карда шуд:**

Муовини аввали Раис Солиев А.

Муовини Раис Юсупов П.

Муовини Раис Сафарова Л.

Муовини Раис Ҷабборов Р.

| | |
|---|---|
| Сардори Раёсати молиявю-хоҷагидорӣ | Ҷурав Ё. |
| Сардори Раёсати такмили қонунгузорӣ ва саннадҳои меъёрии андоз | Сидиқов З. |
| Сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон | Абдуллоев С. |
| Сардори Раёсати санҷиши андозҳо | Партоев К. |
| Сардори Раёсати аудити дохилӣ | Нуров Ҷ. |
| Сардори Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо | Меликов К. |
| Сардори Раёсати таъмини ҳуқуқӣ | Меликов М. |